**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзӯи "Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)**

Диссертатсияи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар "Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII" ном дошта, ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи илми халқи тоҷик дар асрҳои миёна бахшида шудааст.

Дар бораи мубрамияти мавзуъ диссертант комилан дуруст қайд менамояд, ки гузаштагони миллати тоҷик дар радифи чанд миллати мутамаддини дигар дар ташаккул ва такомули илму фарҳанги ҷаҳон нақши бориз доштаанд.

Муҳаққиқ дараҷаи омӯзишу пажӯҳиши мвзӯъро васеъ таҳлил карда, собит намудааст, ки собиқаи бузурги илмӣ доштани ақвоми ориёитабор, бахусус тоҷикон буд, ки онҳо бар ҳақ дар ҷаҳон ба ҳайси асосгузорони тамаддун ва фарҳанги исломӣ шинохта шудаанд.

Воқеан маҳз дар асрҳои XI-XII риштаҳои гуногуни илм, ба хусус илмҳои риёзиву табииётшиносӣ, аз қабили, математика, физика, химия, биология, геометрия, астрономия, тиб ва ғайра маҳз тавассути заҳмати ниёгони донишманди тоҷикон ва осори офаридаи онҳо нашъу намо ёфта, ҳатто ба пешрафти соҳаҳои муайяни илм дар ҷаҳон тавассути тарҷума аз забони арабӣ ба лотинӣ таъсири бузург расонидааст.

Рисола аз ҷиҳати сохтор фарогири муқаддима, ду бобу ҳафт параграф, хулоса ва феҳрасти адабиёт буда, дар муқаддима интихоби мавзӯъ, аҳамияту дараҷаи омӯзиш ва навоварии илмии он асоснок шудааст. Инчунин дар муқаддима ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, аҳамияти илмии назариявию амалии кор, навгониҳо ва нуктаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот ва ҳаҷму сохтори мавзӯъ инъикос ёфтааст.

Хулоса натиҷаҳои бадастовардаи диссертант дар бораи таърихи илмҳои риёзиву табиӣ, тиббӣ ва ҳатто фалсафию ҳайатшиносӣ бар асоси осори ниёгони асримиёнагии тоҷикон, ба хусус асрҳои XI-XII, ки дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик давраи эҳё ва ё давраи гулгулшукуфии илму техника ба ҳисоб меравад, комилан дуруст буда, тавсияҳои пешниҳодкардааш барои татбиқи амалии таҳқиқоташ ҷолиб мебошанд.

Ба фикри ман навгониҳои илмии Раҳимзода Қ.Н. дар диссертатсияи номзадиаш қобили қабул ва шоистаи таҳсин аст, ки чунинанд:

- бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII таҳқиқоти маҷмӯӣ маҳсуб меёбад;
- асарҳои дорои аҳамияти муҳими илмӣ доштаи олимони соҳаи илмҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ таҳлил шудаанд;
- муҳимтарин асарҳои донишмандони соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносии асрҳои XI-XII мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;
- бархе аз асарҳои чопнашудаи донишмандони ин давра ба гардиши илмӣ ворид карда шуданд;
- ба корҳои илмии анҷомдодаи муҳаққиқони ватаниву хориҷие, ки ба мавзӯи таҳқиқшаванда марбутанд, баҳои илмӣ дода шудааст.

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки диссертант тавонистааст мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар чорчӯбаи муайянгардидаи пажӯҳишоти худ анҷом диҳад.

Натиҷаҳои ҳосилшуда метавонанд бо пайвандҳои ҳамгироии донишҳои физикӣ, математикӣ, таърихӣ ва ҳатто фалсафию ҳайатшиносӣ ва тиббӣ созгор буда, таҳқиқоти арзандае дар соҳаи таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) ба шумор меравад.

Диссертант доир ба мавзӯи интихобкардааш 12 номгӯй мақолаву гузоришоти илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва КОА Федератсияи Русия ба нашр расидааст, ки пурра ба мавзуи таҳқиқшаванда бахшида шудаанд.

Ман итминони комил дорам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Раҳимзода Қ.Н. дар соҳаи омӯзиши таърихи илми халқи тоҷик натанҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он давр хориҷи кишвар нақши муҳим мебозад.

Диссертатсияи Раҳимзода Қ.Н. аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ мебошад.

Автореферат мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

Мушовири илмӣ,
доктори илмҳои физикаю математика,
дотсент Шамсудинов Ф.М.

**Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (+992) 918 66 70 65

Имзои Ф.М. Шамсудиновро
тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.